**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Сугди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва мубрам буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста мешавад ва ҳамчун меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Асосноккунии назариявӣ, таҳияи муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили фаъолияти маркетингии ширкатҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо тавассути истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар бозори озуқаворӣ аҳаммияти мавзуи тадқиқотро муайян намуда, ҷанбаҳои илмию амалии рисолаи диссертатсиониро баланд мебардорад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг, ки вобаста ба он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд, аз ҷумла бандҳои 3. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти маркетингӣ. Методҳои коркарди проблемаҳои идоракунии маркетинг. Технологияҳои муосири гузаронидани таҳқиқоти маркетингии бозорҳои молу хизматрасониҳо; 5. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкили маркетинг ва истифодаи он дар ширкатҳои саноатию тиҷоратии ватанӣ; 6. Принсипҳои ташкили маркетинги молу хизматрасониҳо. Маркетинги ҳудуд: вилоят, шаҳр, ноҳия; 14. Раванди коркард ва методҳои татбиқи стратегияи фаъолияти маркетингӣ. Стратегияи густариши сарҳадҳои бозор ва стратегияи диверсификатсия; 18. Асосҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо/ташкилот, стратегия ва тактикаи пешбурди мубориза рақобатӣ. Рақобати нархӣ/гайринархӣ дар бозори молу хизматрасониҳо; 20. Асосҳои методии ташкили маърақаҳои рекламавии маҳсулот/ташкилот ва ташаккули имиҷи ташкилот. Намудҳои реклама. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ гардидааст ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар мувофиқа бо «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 с., №503 тасдиқ гардидааст, вобаста ба масъалаҳои баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёт иҷро гардидааст.

3. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд ва хаҷми умумии корҳои чопгардида оид ба мавзуи таҳқиқшаванда 3,1 ч-ч.-ро ташкил медиҳад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлил, озмоиш, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар ганӣ гардонидани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии истифодаи имкониятҳои маркетингии корхонаҳои истеҳсолӣ ва бо фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ машғулбуда дар раванди таъмини рақобатпазирии минтақа, инчунин коркарди тавсияҳо оид ба таҳкими мавқеи бозории онҳо дар бозорҳои маҳаллӣ зоҳир мешавад. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевичро дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

5.2.26. Маркетинг баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. Маркетинг ба шурои диссертатсионии 6D.КОА- 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.2.26. Маркетинг мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Рауфӣ Абдуғаффор, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

- Худоёров Шахриёр Худойкулович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Бобоҷониён Д.Д.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Исмоилов М.М.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Назаров Х.С.**

«12» феврали соли 2026